## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-07 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))

1. Мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ ва соҳаи илми педагогика, ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқат мекунад.

Яке аз арзишҳои бунёдии миллии ҷомеа тарбияи шаҳрвандию ватандӯстии насли наврас аст, ки дар шароити мураккаби геополитикӣ ва иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон аҳамияти хоса дорад. Барои суботи ҷомеа ва рушди иқтисодӣ, тарбияи насли наврас дар руҳияи эҳтиром ба таърих, халқ ва давлат муҳим аст. Вазифаҳо аз таъмини баробарҳуқуқӣ, тарбия дар асоси интернатсионализм, рад кардани миллатчигӣ ва ҳавасмандкунии эҷодкорӣ иборат мебошанд. Ташаккули фарҳанги ватандӯстӣ, эҳсоси шаҳрвандӣ, таваҷҷуҳ ба арзишҳои миллӣ, боварӣ ба оянда, дарки арзиши оила, ҳуқуқи инсон, масъулияти мақомот ва омодагӣ ба муқобили таҳдидҳо зарур аст. Таҳқиқот оид ба ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ ваҳдати халқҳо, ҳифзи ҳувияти миллӣ дар заминаи арзишҳои умумии миллиро ҷустуҷӯ мекунад.

2. Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ" ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назрия ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ), аз он ҷумла, ба банди 1 - Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ ва банди 2 - Назария ва методикаи тарбияи хонандагон дар раванди таълими фанҳои ҷамъиятӣ, инчунин, ба Номгӯи ихтисосҳое, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017 №5/2 тасдиқ шуда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад, мувофиқат мекунад.

3. Мухтавои кори диссертатсионӣ дар 9 номгӯй мақолаҳои илмии нашршудаи довталаб, ки 3 номгӯйи онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 номгӯйи мақолаҳо дар маҷмӯаи маводи конференсияҳои илмӣ ба табъ расидаанд, мукаммал инъикос ёфтаанд.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

4. Нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия мутобиқ ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) иҷро шудааст.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ бо беихтилофии мавқеъҳои назариявие, ки ташаккули онҳо ба таҳлили ғояҳои педагогии муҳаққиқони гуногун асос ёфтааст, маҷмуи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзуи интихобшуда ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд, интихоб ва таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ, тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд, азназаргузаронии маводҳои бадастомадашудаи рисола, муътамад будани натиҷаҳои бадастомадашуда, мувофиқати методҳои таҳқиқот бо ҳадафҳои матраҳгардида, бисёрҷанбагӣ ва бардавомии таҳқиқоти роҳандозишуда аз тариқи назариявӣ ва амалӣ, тасвиби натиҷаҳои бадастомада дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии пойгоҳи озмоишии таҳқиқот таъмин карда шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар ҷараёни дарсҳо, ҷамъомаду маҳфилҳои маърифатӣ, чорабиниҳои бернуназаудиторӣ, ба монанди шабнишинӣ, конференсия, мизҳои мудаввар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсей ва гимназияҳо, дар курсҳои такмили ихтисос ва семинарҳои омӯзишӣ ҷиҳати такмили маҳорати касбии омӯзгорон, дар таҳияи диссертатсия ва корҳои курсиву дипломӣ васеъ истифода бурд.

6. Диссертатсияи Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ» барои ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ қабул карда шавад.

7. Ба сифати муқарризони расмӣ Давлатзода Ҷамила – доктори илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор», Разоқов Хуршед Сохибназарович - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии

Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов ва ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» пешниҳод карда шаванд.

8. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Барои нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимиро дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**КАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимиро дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Давлатзода Ҷамила – доктори илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор»;
- Разоқов Хуршед Сохибназарович - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссератсия дар сомонаҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол кардани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ Лутфуллозода М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Ҳоҷиматова Г.М.

номзади илмҳои педагогӣ Муҳиддинзода Б.

«17» июли соли 2025.

*"Имзои М. Лутфуллозода, Г.М. Ҳоҷиматова ва Б. Муҳиддинзодаро тасдиқ мекунам"*

Нозири кадрҳо ва
коргузории АТТ М. Саидова